**МАЪРӮЗА**
**«ДАР БОРАИ ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ОМОРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НУҲ МОҲИ СОЛИ 2020 ВА ИҶРОИ ВАЗИФАҲО ТО ОХИРИ СОЛИ 2020»**

Бо рӯҳбаландии бошукуҳи ҷашнгирии 29-умин солгарди Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарки садоқату меҳр, ихлосу самимият, боварию ризояти мардуми шарифи Тоҷикистон ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардидани Интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо дастгирии сиёсати хирадмандонаю дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки солҳои 2020-2040-ро «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» эълон намудаанд, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қувваю нерӯи тоза Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019, фармонҳо, супоришҳо, дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои омор ва барномаю нақшаҳои иқтисодию иҷтимоиро сармашқи кори худ қарор дода, маҷмӯи тадбирҳои ҳадафнокро роҳандозӣ намуд ва дар нуҳ моҳи соли 2020 ба як қатор нишондодҳои назаррас ноил гардид.

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи «Барномаи маҷмӯии корҳои оморӣ барои соли 2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019 -ум №586, тасдиқ карда шудааст ва вазифаҳои дар назди мақомот дар нуҳмоҳи соли 2020 гузошташударо пурра иҷро намуд.

Дар нуҳ моҳи соли 2020 - ум 7218 корҳои оморӣ ба анҷом расонида шуд, ки аз иҷрои пурраи барномаи корҳои оморӣ шаҳодат медиҳад, аз ҷумла, 1796 кор ба соҳаи омори саноат ва сармоягузорӣ дар сохтмон, 1613 кор ба соҳаи омори кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист, 384 кор ба омори молия, 408 кор ба омори бақайдгирии нарх ва тарифҳо, 429 кор ба омори таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо, 798 кор ба омори демографӣ, шуғли аҳолӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, 1146 кор ба омори захираҳои моддӣ, савдо ва робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва 644 кор ба омори нақлиёт, алоқа, хоҷагии манзилию коммуналӣ, хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ тааллуқ дорад.

Мукотиботи Агентии омор аз рӯи ҷамъбасти нӯҳ моҳи соли 2020 нишон дод, ки дар ин давра аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо, кумитаҳо, идораю муассисаҳо, ташкилотҳо, мақомоти омори маҳаллӣ ба нишонии Агентӣ ва почтаи электронӣ маводҳои ҳуҷҷатнигорӣ ва номаҳо дар маҷмӯъ 1955 адад ворид шудааст. Аз теъдоди умумии ҳуҷҷатҳои воридгардида 482 амру фармонҳо, қарорҳо, дастуру супоришҳо, нусха аз протоколи ҷаласаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаву чорабиниҳо, инчунин 4 қонуну қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 873 мактуб аз вазорату

идораҳо, 152 мактуб аз мақомоти маҳаллии омор, 354 мактуб ба воситаи Ҳукумати электронӣ ва почтаи электронии Агентӣ, 77 мурочиати шаҳрвандон бо тарзи хаттӣ ва 13 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид шудаанд, ки мавриди корбарӣ қарор гирифта, сариваќт иҷро ва мувофиқи дархостҳо ҷавобҳои дахлдор фиристода шуданд.

Дар давраи сипаришуда таҳқиқотҳои омории интихобии “Бозорҳои фурӯши чорво ва автомобил, нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории мошин ва маводи сӯхту равғанҳои молиданӣ, мағозаҳо, қаҳвахонаҳо, тарабхонаҳо, ошхонаҳо, дорухонаҳо” аз рӯи ҳамаи шаклҳои моликият, таҳқиқоти “нархи фурӯши маҳсулотҳо дар бозорҳо”, таҳқиқоти “буҷети хоҷагии хонавода”, таҳқиқоти интихобии “хоҷагиҳои аҳолӣ дар соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ” ва баҳисобгирии сартосарии саршумори чорво гузаронида шуд.

Дар нӯҳ моҳи соли 2020 тибқи Барномаи корҳои оморӣ 15 маҷмӯаи оморӣ, 168 бюлетени оморӣ, 68 маълумот, 39 иттилооти таъҷилӣ ва 51 гузоришҳои оморӣ омода ва нашр карда шуданд.

Ҷиҳати иҷрои супориши Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон №171186 (22-6) аз 30 ноябри соли 2019 оид ба ҷараёни иҷрои Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, рафти иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар солҳои 2016-2019, гузориши муфассал ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид. Ҳамчунин дар доираи гурӯҳи кории байниидоравии зинаи сеюм дар таҳияи лоиҳаи Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2026 ҳамаи масъулон фаъолона иштирок менамоянд.

Дар нӯҳ моҳи соли 2020 гузоришҳои иқтисодӣ «Дар бораи ҳисоботи ҷамъбастии заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ барои ҳосили соли 2019», «Ҷамъоварӣ ва ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019», «Заминҳо, ҷамъоварии умумӣ ва ҳосилнокии дарахтони мевадиҳанда, буттамева ва токзорҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019», «Ҷамъбасти баҳисобгирии саршумори чорво дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ ҷумҳурӣ то 1 январи соли 2020», «Вазъи чорводорӣ дар корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ дар соли 2019», «Истифодаи нуриҳои маъданӣ ва поруи органикӣ дар корхонаю ташкилотҳо ва хоҷагиҳои деҳқонӣ дар соли 2019», «Гузориш оиди ҳолатҳои фавқулода дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019», «Дар бораи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар сатҳи минтақаҳо», «Дар бораи коркарди нерӯи барқ дар НОБ-ҳои хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи тарози спирти этилӣ ва маҳсулоти шаробу арақ», «Дар бораи коркарди пахтаи хом ва истеҳсоли нахи пахта», «Дар бораи фаъолияти корхонаҳои пудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон», “Дар бораи иҷроиши корҳои геологӣ”-ро дар мухлатҳои муайянгардида таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Дар моҳҳои январ-сентябри соли 2020, дар доираи Барномаи корҳои оморӣ ҳисоботҳои омории солонаи соҳаҳои иҷтимоӣ, маориф, илм, фарҳанг, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва омори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (Суди Олӣ, Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ) ҷамъоварӣ ва таҳлил карда шуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоришҳои таҳлилӣ, аз ҷумла:

- “Дар бораи фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019”; “Оид ба шумораи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар аввали соли хониши 2019/2020; “Дар бораи кори аспирантураҳо ва докторантураҳо дар соли 2019”; “Дар бораи маъюбии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон”; “Оид ба таъмини нафақаи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон”пешниҳод гардид.

Дар нуҳ моҳи соли 2020 дар доираи ҳамкориҳои Агентии омор бо Хазинаи Байналмилалии Асъор се видеоконференсия бо дафтари марказии Хазинаи Байналмилалии Асъор дар масъалаҳои гузариш ба низоми такмилёфтаи умумии паҳнкунии маълумот бо иштироки кормандони масъул анҷом дода шуда, нахустин маротиба тибқи тавсияҳои Хазинаи Байналмилалии Асъорро оид ба ворид намудани низоми такмилёфтаи умумии паҳнкунии маълумотро (e-GDDS) маълумоти муҳим дар саҳифаи миллӣ оид ба ҷамъбасти маълумотҳои оморӣ (NSDP) нашр карда шуд.

Ҳадафи ин саҳифа ҳамчун як воситаи нашри ягона барои гирифтани иттилооти муҳими макроиқтисодӣ дар бораи ҳисобҳои миллӣ, амалиётҳои давлатӣ ва қарзӣ, бахши молиявӣ ва тавозуни пардохт мебошад. Ин маълумот дар шаклҳои гуногун ба инсон ба таври осон дастрас ва ҳам барои хондан паҳн карда мешаванд. Низоми e-GDDS аз ҷониби Шурои иҷроияи ХБА моҳи майи соли 2015 бо мақсади дастгирии шаффофияти беҳтари маълумот, ҳавасмандгардонии рушди омор ва кӯмак дар эҷоди ҳамҷоягӣ дар паҳн кардани маълумотҳои оморӣ ва мушоҳидаҳо таъсис дода шудааст.

Саҳифаи миллӣ оид ба ҷамъбасти маълумотҳои оморӣ (NSDP) аз тарафи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (TAJSTAT) бо истифода аз маълумоти оморӣ ва мубодилаи метамаълумотҳо таҳия гардида ва дар саҳифаи эълонҳои паҳнкунии стандарти ХБА ҷой дода шуд, ки ташаккулдиҳандагони расмии маълумот маҳз Агентии омор, Вазорати молия ва Бонки миллии Тоҷикистон мебошанд, интишор гардидааст.

Ҷиҳати иҷрои банди 35-уми қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №614 аз 29 октябри соли 2015, дар бораи «Гузаронидани баҳисобгирии чорво (инвентаризатсия) дар хоҷагиҳои ҷамъиятӣ, деҳқонӣ ва аҳолӣ»-ро зери назорати қатъӣ қарор дода, пайваста корҳоро ба анҷом мерасонад.

Ҷиҳати расидани ба ҳадафи 4-уми Стратегии кишвар ва бо мақсади такмили низоми миллии омор барои инъикоси дурусти истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории зич ба роҳ монда шудааст.

Мавриди зикр аст, ки бо мақсади таъмини эътимоднокии маълумотҳои омори соҳаи саноат ва мутобиқпазирии онҳо ба меъёрҳои байналмилалӣ дастурамали ташаккули ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бо дарназардошти таҳқиқоти оморӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар мувофиқаи вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, энергетика ва захираҳои об, кумитаи андоз, кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ таҳия, тасдиқ ва мавриди амал қарор дода шуд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки ҳангоми таҳияи дастурамали мазкур методологияи Системаи Ҳисобҳои Миллӣ соли 2008 ва тавсияҳои байналмилалӣ оид ба омори саноат ба асос гирифта шудаанд. Заминаи ҳуқуқии дастурамали мазкур аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

омори давлатӣ», ки (аз 12 январи соли 2010 №588) сарчашма гирифта, мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ таҳия шудааст.

Татбиқи дастурамали мазкур дар раванди баҳисобгирии оморӣ дар соҳаи саноат хусусан дар гузаронидани таҳқиқоти омории соҳаи саноат пайваста таҳти назорат қарор дошта, мутобиқи санҷишҳои маҷмӯии Агентӣ мунтазам дар мақомоти маҳаллии омор тафтишот гузаронида мешавад.

Дар давоми нуҳ моҳи соли 2020 ҷиҳати такмили метология ва коркарди ҳисоботҳои оморӣ аз ҷониби ҳайати кории Шӯрои методологии Агентӣ Дастурамал оид ба мушоҳидаҳои нархҳои истеъмолии молҳо, хизматҳо ва ҳисоби индексҳои нархҳои истеъмолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор таҳия ва тасдиқ карда шуд. Бо назардошти тағйиру иловаҳо тибқи пешниҳоди ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ аз 31 декабри соли 2018, №6 ҳисоботи омории шакли №1 – Санҷиш (семоҳа) «Ҳисоботи мақомоти санҷишӣ» аз нав таҳия ва тасдиқ карда шуданд. Илова бар ин Дастурамали ташаккули ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор таҳия ва тасдиқ карда шуд;

Ҳамзамон дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор “Методикаи ташаккули ҳисоби нишондиҳандаҳои омории хоҷагиҳои аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ”, “Дастури методӣ оид ба гузаронидани таҳқиқоти интихобии омории соҳибкорони хусусӣ (шахсони воқеӣ) оид ба баҳисобгирии ҳаҷми боркашонӣ ва мусофиркашонии тиҷоратӣ”, “Низомномаи тартиби нашр ва навкунии маводи иттилоотӣ дар сомонаи расмии Агентии омор”, “Методологияи ҳисоби Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо усули истеҳсолот”, “Методологияи ҳисоби Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо усули хароҷот” ва “Ҳисоботи омории шакли №1 – Саноат (соҳибкорони инфиродӣ» (семоҳа) – Ҳисобот оид ба истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ” таҳия ва тасдиқ карда шуданд.

Гузариш ба ҳисоботи электронии оморӣ тақозои замон буда, дар доираи татбиқи Лоиҳаи «Стратегияи миллии рушди омор», 7 шакли ҳисоботӣ ва айни замон 35 шакли ҳисоботҳои омории моҳона, семоҳа ва солонаи соҳавӣ аз ҷумла ҳисоботҳо оид ба меҳнат ва ҳаракати қувваи корӣ, иҷтимоӣ, ҳисоботҳои соҳаҳои саноат, савдо ва хизматрасонӣ, захира ва таъминот, сохтмон, нақлиёт, молия, ҳисоботи солонаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва актуаликунонии варақаи регистри оморӣ бо усули электронӣ ба роҳ монда шуданд ва дар самти пешниҳоди ҳисоботи электронии дигар соҳаҳо низ иҷрои корҳо идома доранд.

Бояд қайд намуд, ки вобаста ба гузариш ба ҳисоботи электронӣ ҳамасола шумораи нашри шаклҳои омории коғазӣ кам гардида, нашри шаклҳои омории қоғазӣ дар маҷмӯъ 41,4 фоиз коҳиш ёфтааст. Ҳамин нишондиҳанда мутаносибан дар шаклҳои омории соҳаи иҷтимоӣ ва меҳнат – 79,2 фоиз, саноат – 58,8 фоиз, кишоварзӣ – 49,6 фоиз, сохтмон – 49,0 фоиз, демография – 39,1 фоиз, савдо – 30,1 фоиз, системаи ҳисобҳои миллӣ – 26,9 фоиз, нархҳо – 28,4 фоиз, робитаҳои иқтисоди хориҷӣ – 27,3 фоиз ва нақлиёт ва алоқа – 20,5 фоиз кам гардидааст.

Ҳамзамон қайд кардан лозим аст, ки Агентии омор ҷиҳати дар амал татбиқ намудани «Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон

барои давраи то соли 2030», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №585 аз 27 ноябри соли 2019 тасдиқ гардидааст, ҷиҳати гузариши пурра ба ҳисоботҳои электронӣ, ба ин васила кам кардани сарборӣ ба субъектҳои оморӣ ва коҳиш додани таъсири омили инсонӣ, ки ба татбиқи Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, Барнома ва "Нақша чорабиниҳои Барномаи зиддикорупсионии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020" равона шудааст, пайваста чораҷӯӣ менамояд.

Ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, №585 "Дар бораи Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои январ-июни соли 2020 як қатор корҳоро ба анҷом расонид.

"Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030"-ро бо се забон (илова ба забони давлатӣ бо забонҳои русӣ ва англисӣ) дар шакли китоб омода ва нашр карда шуд. Ҳамчунин "Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" дар сомонаи расмии Агентии омор www.stat.tj низ бо се забон ҷой дода шуд.

Тибқи Нақшаи чорабиниҳои марҳилаи якуми татбиқи Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023 корҳо аллакай шурӯъ гардиданд ва бо дастгирии Бонки Умумиҷаҳонӣ такмили таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо ва гузаронидани таҳқиқот бо истифода аз Планшет ба роҳ монда шуд, ки барои муайян намудани сатҳи камбизоатӣ ва синфи миёна сар карда аз соли 2020 ва барои солҳои минбаъда заминаи устувор мегузорад.

Сар карда аз оғози соли 2020 дар гузаронидани таҳқиқотҳои хонаводаҳо вобаста ба тавсияҳои як қатор созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ба монанди Бонки Ҷаҳонӣ, Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ, Хазинаи кӯдакони СММ, Ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ, Комиссияи иқтисодии Аврупоии СММ дар таҳқиқотҳои интихобии хонаводаҳо дар усули ҷамъоварии маълумотҳо ва методологияҳо тағйиротҳо ва навовариҳо ворид карда шуда истодааст.

Асосан навовариҳо ба таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо ҷиҳати фарогирии бештари минтақаҳои кишвар ва ҳамчунин ҷамъоварии маълумотҳои иловагӣ ҷиҳати таъмини нишондиҳандаҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳадафҳои Рушди Устувор то давраи 2030 равона гардидааст. Ҳамчунин навовариҳо дар усули ҷамъоварии маълумотҳои хонаводаҳо вобаста ба ҷорӣ намудани низоми ҷамъоварии электронии маълумотҳо тариқи планшет ба роҳ монда шудааст. Низоми электронӣ коркарди иловагиро ба монанди усули анъанавии қоғазӣ талаб намекунад ва саривақт ҷамъоварӣ ва коркардро таъмин менамояд. Ҳамчунин бо пурра ҷорӣ гардидани усули мазкур маълумотҳои хонаводаҳо мутамарказ ба хазинаи асосии иттилоотии Агентии омор ворид мешавад, ки хароҷотҳои пуштавӣ ва нақлиётиро пурра барҳам медиҳад.

Илова ба ин, вобаста ба омодагӣ ба баргузории барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020, пеш аз ҳама бо дастгирии буҷети давлатӣ, инчунин саҳмгузории шарикони рушд, аз ҷумла

Хазинаи нуфуси СММ ва Коммисариати олии СММ оид ба гурезаҳо нақшаи чорабиниҳо таҳия гардида, марҳила ба марҳила дар амал татбиқ шуд.

Дар навбати худ, барои ҷорӣ намудани китоби электронии хоҷагии хонаводаҳо якҷо бо Хазинаи кӯдакони СММ барои солҳои 2019-2020 харидорӣ ва насби ноутбукҳо барои ҷамоатҳои деҳоти шаҳру ноҳияҳои пилотӣ (дар соли 2019 дар шаҳрҳои Кулоб ва Роғун, ноҳияҳои Шуғнон, Б.Ғафуров, Нуробод ва Рашт харидорӣ ва барномаи электронӣ насб гардид) идома дорад.

Бо мақсади амалӣ намудани чорабиниҳои марбут ба татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор, Лоиҳаи якҷояи шуъбаи омори Созмони Миллали Муттаҳид оид ба мониторинги Ҳадафҳои Рушди Устувор, ки аз тарафи Департамент оид ба рушди байналмилалии Британияи Кабир (COOOH-DFID) маблағгузорӣ карда мешавад, барои ҷалби 150,0 ҳазор доллари ИМА кумак ба мувофиқа расид, ки дар доираи Меморандум байни Барномаи рушди СММ (ПРООН) ва Агентии омор дар ду марҳила то охири соли 2021 амалӣ карда мешавад.

Дар доираи ҳамкориҳои муштараки Агентии омор бо Хазинаи кудакони СММ (ЮНИСЕФ), ҷиҳати амалӣ гардидани чорабиниҳои стратегия вобаста ба низоми электронӣ гузаронидани китобҳои баҳисобгирии хоҷагиҳои ҷамоатҳои деҳот 50 ҷамоатҳои деҳоти минтақаи 6 шаҳру ноҳияи кишвар (Кулоб, Шуғнон, Б.Ғафуров, Рашт, Нуробод ва Роғун) бо компютерҳо ва барномаи коркарди китобҳои баҳисобгирии хоҷагиҳо таъмин гардиданд.

Ҳамчунин дар нақша ҳаст, ки дар доираи ҳамкорӣ бо Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) то соли 2023 ҳамаи ҷамоатҳои деҳот ва шаҳрак пурра бо компютерҳо ва барномаи электронии коркарди китобҳои баҳисобгирии хоҷагиҳо пурра таъмин карда мешаванд.

Аз моҳи январи соли 2020 Хазинаи кӯдакони СММ(ЮНИСЕФ), Хазинаи нуфуси СММ (ЮНФПА), СММ-Занон ва Барномаи рушди СММ ба иҷрои лоиҳаи нави Барномаи "Нури рушноӣ" ("Луч света"), ки аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ карда мешавад шурӯъ намуданд. Муҳлати амалишавии Барномаи мазкур 36-моҳро дар бар гирифта аз моҳи январи соли 2020 то декабри соли 2022 идома меёбад.

Шариконии асосӣ барои амалӣ намудани лоиҳаи мазкур вобаста ба самти 5-уми лоиҳа «Маълумотҳои оморӣ ва иқтидорҳо» Агентии омор муайян гардидааст, ки барои амалӣ намудани лоиҳа маблағи зиёда аз 350,0 ҳазор доллари ИМА ба назар гирифта шудааст. Дар доираи лоиҳаи мазкур масъалаҳои ҷараёни амалишавии милликунонии ҲРУ, мусоидат барои беҳтар намудани низом ва методологияи ҷамъоварии маълумотҳои оморӣ оид ба зуроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ, талабот ба мониторинг ва ҳисоботи нишондиҳандаҳои вазифаи 5.2.-и ҲРУ, ки қисмати бештари чорабиниҳои дар қисмати омори гендерии “Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” оварда шудааст, амалӣ карда мешаванд.

Дар самти гузариши пурра ба низоми ҳисоботҳои миллӣ (СНС 2008), дар давоми солҳои 2017-2018 аз тарафи Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА) барои такмили омори ҳисобҳои миллӣ ёрии техникӣ расонида шудааст.Тавсияи асосии мушовирони ХБА гузариш ба ҳисоби нимсолаи

холиси Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва ташаккули нишондиҳандаҳои ҳисобҳои миллӣ дар асоси стандарти байналмилалии Системаи ҳисобҳои миллии соли 2008 (СҲМ 2008) мебошад.

Мувофиқи тавсияҳои байналмиллалӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати ду соли охир, барои ҷорӣ намудани СҲМ-2008 қадамҳои муайянеро ба пеш гузошт. Ҷорӣ намудани СҲМ-2008 ҷалб ва тағйироти на танҳо ҳамаи низомии оморӣ, балки ҳамкории зич ва баъзе дигаргуниҳоро дар дигар мақомотҳое, ки бо тайёр намудани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ машғуланд, тақозо менамояд. Бо ин мақсад, моҳи августи соли 2018 Созишнома оид ба мубодилаи маълумот байни Агентии омор, Бонки миллӣ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид.

Таҳлили нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳанӯз ҳам зарурияти такмили нишондиҳандаҳои ҳисобҳои миллӣ ҳамчун самти афзалиятнок боқӣ мемонад. Аз ҷумла арзёбии нишондиҳандаи ҷамъи сармояи асосиро дар асоси СҲМ соли 2008 такмил додан зарур аст.

Дар асоси СҲМ соли 2008 ташаккули ҷадвали «Захира-Хароҷот» барои ҳама мамлакатҳо ҳатмист. Қайд кардан зарур аст, ки дар Агентии омор бори нахуст соли 2015 ҷадвали «Захира-Хароҷот» барои соли 2011 омода шудааст. Айни замон дар доираи лоиҳаи Бонки Осиёгии Рушд (БОР) мутахассиони Агентии омор бо мушовирони байналмиллалӣ дар самти такмили нишондиҳандаҳои ҷадвали «Захира-Хароҷот» ҳамкорӣ карда истодаанд. Дар давоми соли 2020 дар асоси тавсияҳои мушовирони байналмилалӣ ҷадвали мазкур барои солҳои 2016-2017 омода карда мешавад.

Талаботи дигари СҲМ соли 2008 ҷорӣ намудани Системаи ҳисобҳои экологӣ-иқтисодӣ мебошад. Ҷиҳати арзёбии захираҳои табиӣ қайд кардан ба маврид аст, ки Агентии омор бори нахуст ба таври таҷрибавӣ Системаи ҳисобҳои экологӣ-иқтисодии захираҳои об ва хоҷагии ҷангалро омода намудааст. Такмили системаи ҳисобҳои экологӣ-иқтисодӣ дар доираи лоиҳаи Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба нақша гирифта шудааст. Дар ин самт ҳамкорӣ ва ҳамоҳангии бевоситаи Кумитаи ҳифзи муҳити зист бениҳоят зарур аст.

Яке аз самтҳои дигари стандарти байналмилалии СҲМ соли 2008 ташаккули ҳисобҳои саттелитӣ, аз ҷумла ҳисоби саттелитии сайёҳӣ мебошад. Дар ин самт Агентии омор бо мушовирони байналмиллалии Бонки Осиёгии Рушд (БОР) ҳамкорӣ карда истодааст. Дар нақша аст, ки дар давоми соли 2020 мушовирони БОР ба Агентии омор ташриф оварда тавсияҳои хешро пешниҳод менамоянд.

Дар самти баҳисобгирии омори соҳаи сайёҳӣ дар якҷоягӣ бо Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мукаммал намудани баҳисобгирии омории соҳаи сайёҳӣ дар давоми моҳҳои январ-сентябри соли 2020 се маротиба ҷамъомадҳо дар доираи гуруҳҳои кории байниидоравӣ гузаронида шуданд. Аз рӯи натиҷаи вохӯриҳо Нақшаи чорабиниҳои муштараки Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 таҳия ва тасдиқ карда шуд. Корҳо дар самти

мукаммал ва тағйироту иловаҳо воирид кардан оид ба сайёҳони хориҷие, ки ба ҷумҳурӣ ворид мешаванд, идома дорад.

Зимнан бояд қайд намуд, ки дар Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 , ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №585 аз 27 ноябри соли 2019 гузаронидани таҳқиқот оид ба сайёҳӣ дар солҳои 2020-2022 барои ҳисобҳои ёрирасони (саттелитӣ) сайёҳӣ ба нақша гирифта шудааст, ки дастгирии шарикони рушд ҷиҳати чорабинии мазкур бисёр зарур мебошад.

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи саривақтии Стратегияи мазкур аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, маблағҳои махсус инчунин ҷалби шарикони рушд ба Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мактуби №2/33 аз 7 феврали соли 2020 бо мақсади таҳияи лоиҳаи сармоягузории грантӣ бо дастгирии шарики асосӣ Бонки Ҷаҳонӣ ирсол намудааст.

Дар моҳҳои апрел-сентябри соли 2020 ҷиҳати таҳияи лоиҳаи грантии «Татбиқи Стратегияи милли рушди омор» бо намояндагии Бонки Ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон гуфтушунидҳо анҷом дода шуд, ки дар натиҷаи гуфтушунидҳо айни замон Консепсия барои Лоиҳаи пешниҳодгардида ба маблағӣ 10,0 миллион доллари ИМА барои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Лоиҳаи грантӣ «Татбиқи Стратегияи миллии рушди омор барои солҳои 2021-2026” барои мувофиқа бо Бонки Ҷаҳонӣ омода гардида фиристонида шуд.

Тибқи гуфтушунидҳо сар карда аз 1 июли соли 2020 дар якҷояги бо коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ корҳои омодагӣ ҷиҳати таҳияи Лоиҳаи нави Грантии “Стратегияи милли рушди омор барои солҳои 2021-2026” оғоз мегардад ва то 1 июли соли 2021 идома меёбад.

Дар ин замина бо Фармоиши Директори Агентии омор №32 аз 19 майи соли 2020 Гурӯҳи кории дохилиидоравӣ оид ба таҳияи Лоиҳаи инвеститсионӣ ҷиҳати татбиқи Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ташкил карда шуд ва ҳамчунин гурӯҳи кории байниидоравӣ аз ҳисоби мутахассисони вазорату идораҳо ташкил гардид.

Ҷиҳати омода намудани маълумоти дахлдор вобаста ба ҳиссаи соҳаи сайёҳӣ дар Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ мақомоти омори давлатӣ якҷо бо Кумитаи рушди сайёҳӣ дар заминаи таҷрибаи Ҷумҳурии Узбекистон ва тавсияҳои Созмони Умумиҷаҳонии сайёҳӣ арзёбии арзиши изофаи соҳаҳое, ки хизматрасонии сайёҳӣ доранд, инчунин хизматрасониҳои бевоситаи сайёҳиро ба анҷом расонида, дар маърузаи вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои моҳҳои январ-декабри соли 2019 ва январ-сентябри соли 2020 ба нашр расонида, ба истифодабарандагон пешниҳод гардид.

Бояд зикр намуд, ки дар доираи Лоиҳаи “Татбиқи Стратегияи миллии рушди омор” (гранти Бонки умумиҷаҳонӣ барои солҳои 2015-2018), якҷо бо коршиноси байналмилалӣ аз Ҷумҳурии Латвия лоиҳаи саволнома ва методологияи гузаронидани таҳқиқот дар соҳаи сайёҳӣ оид ба муайян намудани хароҷоти сайёҳон дар давраи будубош дар Тоҷикистон таҳия гардида буд.

Дар доираи кумаки техникии Бонки осиёии рушд дар Агентии омор ташрифи коршиносони байналмилалӣ оид ба таҳияи ҳисобҳои ёрирасони сайёҳӣ ба нақша гирифта шуда буд, ки бо сабаби паҳншавии бемории сироятии коронвирус (COVID-19) ба вақти дигар гузаронида шуд. Дар давраи ташрифи коршиносон бо даъвати мутахассисони мақомоти дахлдори давлатӣ бояд семинари омӯзишӣ доир мегардид ва таҳияи ҷадвалҳои таҷрибавӣ (санҷишӣ) дар заминаи маълумоти мавҷуда анҷом дода мешуд.

Барои такмил додани омори кишоварзӣ, инвентаризатсияи шаклҳои ҳисоботи оморӣ ва кам кардани сарборӣ ба ҳисоботсупорандагон дар давраи ҳисобот бо дастгирии техникии Ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ ташрифи коршиноси байналмилалӣ аз мақомоти омори Украина сурат гирифт. Якҷо бо мутахассисони Агентӣ лоиҳаи шаклҳои ҳисоботӣ ва варақаҳои таҳқиқотҳои интихобӣ дар соҳаи кишоварзӣ аз нав баррасӣ гардида, пешниҳодҳои мушаххас ба Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мақомоти омори маҳаллӣ ирсол гардид.

Дар ин замина, шурӯъ аз ҳисоботи моҳи январи соли 2020, тақсимоти истеҳсоли гушт аз руи намудҳои ҷудогона (гушти гов, гушти гусфанду буз, гушти паранда) ва субъектҳои соҳаи кишоварзӣ (хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва деҳқонӣ, хоҷагиҳои аҳолӣ); истеҳсоли сабзавот дар гармхона аз руи намудҳои ҷудогона ба роҳ монда шуд, ки барои таъмини шаффофияти маълумот заминаи устувор мегузорад.

Ҳамчунин аз ҳисоботи моҳи феврали соли 2020 пешниҳоди усули электронии шаклҳои ҳисоботи соҳаи чорводорӣ (шакли 24-кишоварзӣ – моҳона) ва соҳаи моҳипарварӣ (шакли 24-моҳӣ, моҳона) барои хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ ба роҳ монда мешавад. Бо ин мақсад семинари омӯзишӣ барои мақомоти омори вилояти Суғд гузаронида шуда, баргузории он дар вилояти Хатлон то оғози давраи ҳисоботӣ ба нақша гирифта шудааст.

Зимнан, дар сатҳи вилоятҳои Суғд ва Хатлон, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳлили тавозуни замин ва майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои аҳолӣ, мавҷудияти бастҳои кории иқтисодчиёни омори ҷамоатҳои деҳот, баҳисобгирии чорво ва истеҳсоли маҳсулот дар бахши хоҷагиҳои аҳолӣ анҷом дода шуда, бо дар назар доштани бартараф намудани норасоиҳо барои пайгирии минбаъда ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Бо мақсади ҷалби маблағҳои шарикони рушд ҷиҳати амалишавии чорабиниҳои марҳилаи аввали Стратегия барои солҳои 2019-2023 тибқи дархости шарикони асосии Агентии омор нусхаи электронии стратегия ба Бонки Ҷаҳонӣ, Хазинаи кӯдакони СММ, Хазинаи нуфуси СММ, Ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ, Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ, СММ Занон ва дигарон пешниҳод карда шуд.

Бо мақсади ҳар чӣ тезтар ҷалб намудани маблағҳои грантӣ нусхаи электронии “Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” барои ҷой додан дар сомонаи Ташкилоти байналмилалии Paris21, ки ҳамчун тақвиятдиҳанда аз тарафи СММ ва Комиссияи иқтисодии Аврупои СММ ба сифати ҳамоҳангсози амалишавии

лоиҳаи грантӣ муайян шудааст ва ҷалби маблағҳоро бо дигар ташкилотҳои байналмилалӣ амалӣ менамояд, ирсол карда шуд.

Агентии омор ҷиҳати амалишавии нақша чорабиниҳои “Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор бо ҷалби шарикони рушди татбиқи Стратегия кушиш ба харҷ медиҳад.

Дар давраи сипаришуда иҷроиши корҳои оморӣ оиди нархи молу маҳсулот тибқи нақша амалӣ шуданд.

Нархҳои маҳсулоти озуқаворӣ, ғайриозуқа ва хизматрасонӣ ҳар моҳ аз тарафи мақомотҳои омори вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо дастрас карда шуда, мавриди коркард қарор гирифта, нархи миёнаи ҳар як намуди маҳсулот дар сатҳи ҷумҳурӣ ва индекси маҳсулотҳои озуқаворӣ, ғайриозуқаворӣ ва хизматрасонӣ ҳисоб карда шуда, ба истифодабарандагони маълумотҳои оморӣ пешниҳод гардидааст.

Мунтазам ҳар моҳ нархи миёнаи молу маҳсулотҳо ба таври электронӣ пур карда шуда дар сомонаи расмии мақомоти омор бо се забон ҷойгир карда мешавад, ки ҳамаи истифодабарандагони маълумотҳои оморӣ бе ягон монеа аз маводи мазкур истифода мебаранд.

Ҳамзамон ҳар ҳафта маълумотнома оиди нархҳои маҳсулотҳои асосӣ (зиёда аз 25 намуди маҳсулот) дар миқёси шаҳру ноҳияҳои алоҳидаи мамлакат (дар 22 шаҳру ноҳия) таҳия ва ба доираи муайяни истифодабарандагон пешниҳод карда мешавад. Ин маълумотҳо низ мунтазам дар сомонаи расмии Агентӣ ҷойгир карда мешаванд.

Дар самти ҳамкориҳои байнидавлатии оморӣ дар нуҳмоҳисоли 2020 корҳо бо Кумитаи омори байнидавлатии давлатҳои ИДМ идома пайдо карда ҳамаи маълумотҳои дахлдори моҳона ва семоҳа оиди соҳаҳои ичтимоию иқтисодӣ саривакт пешниҳод гардиданд.

Инчунин ба Кумитаи омори ИДМ тибқи «Тавсияҳои методологӣ оиди ҳисоби индекси нархҳои истеъмолии гармонизатсияшуда дар асоси таҷрибаи мақомоти миллии давлатҳои аъзои ИДМ» дар асоси вазнҳои мавҷуда барои ҳисоби индекси нархҳои истеъмолӣ барои соли 2020 вазнҳои нав ҳисоб ва ирсол карда шуданд.

Ҳамзамон ҳар моҳ барои омодасозии шарҳи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии индекси нархҳои истеъмолӣ «таваррум дар бахши истеъмолӣ», аз мақомоти омори давлатҳои ИДМ, аз ҷумла аз мақомоти омори Қазоқистон, Қирғизистон ва Федератсияи Россия оиди сатҳи таваррум маълумот дастрас карда мешавад ва маълумот оиди сатҳи таваррум дар Тоҷикистон низ ба онҳо ирсол мегардад.

Дар моҳҳои январ-сентябри соли ҷорӣ бақайдгирии нархи молу маҳсулот ва хизматрасониҳо дар доираи иҷроиши корҳои Барномаи муқоисакуниҳои байналмилалӣ амалӣ шуданд, ки дар доираи ин кор аз ҷониби мутахассисони Кумитаи байнидавлатии омори ИДМ ҷадвалҳои электронӣ таҳия ва барои воридкунии маълумотҳо пешниҳод шуд.

Ҷиҳати иҷрои супориши муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба тартиби муайян намудани арзиши ҳадди ақал бо фаромоиши Директори Агентии омор гуруҳи кории байниидоравӣ таъсис дода шуд ва бо гузаронидани се ҷаласаи гурӯҳи кории байниидоравӣ ва

зергурӯҳҳо, маводҳои лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ манзур карда шуд. Аз рӯи натиҷаи вохӯриҳои гурӯҳи кории байниидоравӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот пешниҳод карда шуд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил яке аз чорабиниҳои муҳими сиёсӣ ва умумиҷаҳонӣ буда тибқи пешниҳоди Созмони Миллали Муттаҳид ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барӯйхатгирии аҳолӣ" ҳар даҳ сол як маротиба бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2019, таҳти №1356, санаи баргузории барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 то 15 октябри соли 2020 муқаррар гардид.

Мавриди зикр аст, ки масъалаи баргузории барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 дар Паёми солонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2019, таъкид гардид.

Зеро баруйхатгирии аҳолӣ чорабинии муҳими давлатию сиёсӣ арзёбӣ гардида, натиҷаҳои он маҳз барои таҳияи стратегияю барномаҳои миллӣ ва минтақавӣ, баҳодиҳии вазъи демографию иҷтимоии аҳолӣ, сатҳи некуаҳволии мамлакат нақши муҳим дорад.

Дар давоми нӯҳ моҳи соли 2020 Агентии омор дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллии омор дар шаҳру ноҳияҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, намояндагии Хазинаи нуфуси Созмони Миллали Муттаҳид ва дигар вазорату идораҳо ҷиҳати дар сатҳи баланд гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020, чораҳои зарурӣ андешида, як қатор корҳоро ба сомон расонид.

Ҷиҳати иҷрои банди 69 Нақша чорабиниҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 26 декабри соли 2019 "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ" Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар сатҳи баланд гузаронидани маъракаи муҳими сиёсӣ барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020, чораҳои зарурӣ андешида, як қатор корҳоро ба сомон расонидааст.

Дар давраи сипаришуда аз тарафи мутахассисони соҳа "Дастур ба мақомоти маҳаллии омор дар бораи тартиб додани рӯйхати биноҳо (хонаҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ бо назардошти ҳуҷраҳо (квартираҳо)) дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот, барои гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020" ва "Дастурамал дар бораи тартиб додани рӯйхати биноҳо (хонаҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ бо назардошти ҳуҷраҳо (квартираҳо) дар биноҳои бисёрҳуҷрадор) дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот" омода карда шуда, мавриди истифода қарор дода шуд.

Тибқи тасмими Агентии омор корҳои тайёрӣ барои гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил бо истифода аз технологияи муосир (интернет – пурсиш ва истифода аз планшет) гузаронида мешаванд. Пеш аз оғози корҳо барномаи компютерии (барои планшет) тартиб додани рӯйхати биноҳо (хонаҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ бо назардошти ҳуҷраҳо

(квартираҳо) дар биноҳои бисёрҳуҷрадор) дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот” аз тарафи мутахассисони Агентии омор тартиб дода шуда пас аз дар амал санҷидан, ба истифода дода шуд.

Рузҳои 19-20 март дар Агентии омор барои сардорони раёсат, шӯъба ва бахшҳои Агентии омору Муассисаи давлатии “Маркази кулли ҳисоббарорӣ”-и Агентӣ, ки ба шаҳру ноияҳои ҷумҳурӣ вобаста карда шудаанд, 26-27 март дар шаҳри Роғун бо сардорони мақомоти омори шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказу мутахассисони барӯйхатгирии аҳолии онҳо, 30-31 март дар шаҳри Истаравшан бо сардорони мақомоти омори шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғду мутахассисони барӯйхатгирии аҳолии онҳо, 15-16 апрел дар шаҳрҳои Хоруғ ва Кулоб бо сардорони мақомоти омори шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва Хатлону (минтақаи Кулоб) мутахассисони барӯйхатгирии аҳолии онҳо ва 20-21 апрел дар шаҳри Бохтар бо сардорони мақомоти омори шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон (минтақаи Бохтар) ва мутахассисони барӯйхатгирии аҳолии онҳо, дастурдиҳии омӯзишӣ дар мавзӯи “Тартиб додани рӯйхати биноҳо (хонаҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ бо назардошти ҳуҷраҳо (квартираҳо) дар биноҳои бисёрҳуҷрадор) дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот” бо истифода аз технологияи муосир (планшети бо шабакаи интернет пайваст) гузаронида шуд.

Меъёри сарбории ҳар як корманди муваққатан ба кор ҷалбшаванда ба ҳисоби миёна 650 хонаводаро дар 15 рӯз дарбар гирифт (кормандони муваққатан ҷалбшуда ба манзили истиқоматии шаҳрвандон ташриф оварда ба саволҳо бо истифода аз планшет ҷавоб гирафтанд).

Корҳои тартиб додани рӯйхати биноҳои (хонаҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ бо назардошти ҳуҷраҳо (квартираҳо) дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот дар ду марҳила бо истифода аз планшет гузаронида шуда дар асоси он нақшаи ташкилии гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон (тақсимоти ҳудуди шаҳру ноҳияҳо ба шӯъбаҳои барӯйхатгирӣ, қитъаҳои дастурдиҳӣ ва қитъаҳои барӯйхатгирӣ) таҳия ва тасдиқ карда шуд.

Вобаста ба корҳои тайёрӣ барои гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020, тибқи нақшаи тақвимӣ аз 1 то 20 апрели соли 2020 марҳилаи якуми корҳои тартиб додани рӯйхати биноҳо (хонаҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ бо назардошти ҳуҷраҳо (квартираҳо) дар биноҳои бисёрҳуҷрадор) дар шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, шаҳри Ҳисор ва ноҳияҳои Варзобу Рудакӣ гузаронида шуданд.

Марҳилаи 2 – юми чорабинии зикршуда бояд аз 26 апрел то 10 майи соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ва дигар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ гузаронида мешуданд. Вале бо сабаби пешгирӣ аз паҳншавии бемории сироятии COVID-19 гузаронидани ин чорабинии давраи тайёрӣ мавқуф гузошта шуда буд.

Чорабинии зикршуда дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ва дигар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ аз 1 то 20 июли соли равон гузаронида шуд.

Барои гузаронидани корҳои тартиб додани рӯйхати биноҳо (хонаҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ бо назардошти ҳуҷраҳо (квартираҳо) дар биноҳои бисёрҳуҷрадор) дар маҷмӯъ беш аз 2600 нафар кормандони муваққатӣ ба кор ҷалб карда шуданд. Ҳамаи кормандони муваққатан ҷалбшуда аз тарафи Раисони комиссияи мусоидат ба барӯйхатгирии аҳолии шаҳру ноҳияҳо тасдиқ карда шуданд ва пас аз гузаштан аз омӯзиши ду руза ва иҷрои корҳои амалӣ, яъне истифодаи планшет, тартиб додани рӯйхатҳоро дар сатҳи зарурӣ ба анҷом расониданд.

Ҳамзамон барномаи компютерии мониторинги кори ҳаррӯзаи кормандони муваққатан ҷалбшуда оид ба рафти тартиб додани рӯйхатҳо омода гардида, мавриди истифода қарор дода шуд. Мутахассисони соҳа бо истифода аз интернет кори ҳаррузаи кормандони муваққатан ҷалбшударо зери назорат гирифта, оиди камбудиҳои ҷойдошта чораандешӣ намуданд, ки ба маълумотҳои ҷамъбастии ба маҳзани маъумотҳои Агентии омор воридшуда, таъсири мусбӣ гузошт.

Тибқи тасмими Агентии омор бақайдгирии биноҳо (хонаҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ бо назардошти ҳуҷраҳо (квартираҳо) дар биноҳои бисёрҳуҷрадор) дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот пурра бо истифода аз планшет дар асоси барномаи махсус омода шуда, амалӣ гардид.

Бақайдгирии биноҳо (хонаҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ бо назардошти ҳуҷраҳо (квартираҳо) дар биноҳои бисёрҳуҷрадор) марҳилаи асосии корҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил маҳсуб ёфта, аз рӯи натиҷаҳои он нақшаи ташкилии гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил (ба шӯъбаҳои барӯйхатгирӣ, қитъаҳои дастурдиҳӣ ва баҳисобгирӣ тақсим кардани ҳудудҳо) ва муайян намудани шумораи аҳолии ҷорӣ ба даст оварда мешавад. Дар заминаи маълумоти бақайдгирӣ миқдори зарурии кормандони марҳилаи асосии барӯйхатгирӣ (сардори шӯъбаи барӯйхатгирӣ, ёрдамчии сардори шӯъба, дастурдиҳанда-назоратчӣ, ҳисобчӣ) аниқ карда шуда, ноҳиябандӣ дар асоси нақшаи схематикӣ ва маводҳои картографӣ сурат гирифт.

Умуман, барои гузаронидаи корҳои тартиб додани рӯйхати биноҳои (хонаҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ бо назардошти ҳуҷраҳо (квартираҳо) дар биноҳои бисёрквартирадор) дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳоти ҳудуди ҷумҳурӣ кормандони муваққатӣ аз ҳисоби (бо назардошти кормандони захиравӣ) шахсони соҳибмаълумот ва таҷрибадор, (бекорони соҳибмаълумот, кормандони соҳаҳои маориф ва тиб, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, кормандоне, ки дар интихоботҳо иштирок кардаанд ва ба монанди инҳо), ки техникаи муосирро (аз ҷумла планшет) самаранок истифода менамояд, маҳалро хуб медонанд, аҳолиро дар маҳал мешиносанд ва аҳолӣ ба онҳо бовар мекунад, ҷалб карда шуданд.

Корҳои таҳия ва тасдиқ намудани “Нишондодҳо дар бораи тартиб додани нақшаи ташкилии гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020”, “Дастур дар бораи тарзи тартиб додани нақшаҳои ҷамъбастии ташкилии гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил”, тарғибу ташвиқи аҳолӣ оиди баргузории

барӯйхатгирии аҳолӣ бо истифода аз ҳаммаи имкониятҳо ва дигарҳо тибқи нақша, ба анҷом расиданд.

Тибқи нақша чорабиниҳои корҳои тайёрӣ барои гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2020 рӯзҳои 4-6 август дар шаҳри Хуҷанд, 13-15 август дар шаҳрҳои Хоруғ ва Турсунзода ва 19-21 август дар шаҳрҳои Бохтар ва Кулоб дастурдиҳиҳои омӯзиши барои кормандони мақомоти давлатии омор оид ба тарзи тартиб додани нақшаи ташкилии гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 гузаронида шуд, ки дар кори он беш аз 150 нафар иштирок намуданд.

Тибқи тасмими Агентии омор барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили марҳилаи навбатӣ бо 3 усул: интернет-пурсиш, пурсиш бо истифода аз планшет ва усули анъанавӣ пурсиш бо истифода аз саволномаҳои қоғазӣ гузаронида мешавад. Барномаи компютерии интернет-пурсиш ва пурсиш бо истифода аз планшет, аз тарафи мутахассисони соҳа пурра омода гардида, мавриди истифода қарор дода шуд.

Истифода аз технологияи муосир имконият медиҳад, ки маблағҳои буҷетӣ сарфа гардида коркарди минбаъдаи маълумотҳо барои ҷамъбаст осон гарданд. Ғайр аз ин барои гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил зиёда аз 3500 адад планшет истифода бурда мешавад. Пурсиш бо истифода аз планшет дар 28 маҳалҳои шаҳрӣ (шаҳр ва шаҳракҳо) ва 2 маҳалҳои деҳоти ҳудуди ҷумҳурӣ гузаронида мешавад.

Дар давраи сипаришуда аз тарафи мутахассисони соҳа маводҳои зарурӣ аз ҷумла, дастурамал “Дар бораи тартиби гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 ва пур кардани ҳуҷҷатҳои барӯйхатгирӣ”, дафтарчаҳои мудири шӯъбаи барӯйхатгирӣ, дастурдиҳанда – назоратчӣ ва ҳисобчӣ таҳия ва тасдиқ карда шуда барои истифода ба мақомоти маҳаллии омор дастрас карда шуд. Ҳамзамон дастурамал “Оид ба гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил бо усули интернет-пурсиш ва планшет” тайёр ва тасдиқ карда шуд.

Санаи 29 августи соли 2020 дар Агентии омор ба кормандони дастгоҳи марказии Агентии омор ва Муассисаи давлатии “Маркази кулли ҳисоббарорӣ”-и Агентӣ, 31 август то 3 сентябр бо сардорону кормандони барӯйхатгирии аҳолии мақомоти омори шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ ва 4-7 сентябр бо сардорони мақомоти омори шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дастурдиҳии омӯзишӣ дар мавзӯи “Тартиби гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 ва пур кардани ҳуҷҷатҳои барӯйхатгирӣ” дастурдиҳии омӯзишӣ гузаронида шуд.

Корҳои ҷалби кормандони муваққатӣ барои гузаронидани ин чорабинии муҳим дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо ба анҷом расонида шуда аз тарафи Раисони Комиссияҳои мусоидат ба барӯйхатгирии аҳолии шаҳру ноҳияҳо тасдиқ карда шуданд.

Ҷиҳати тақвияти додани рафти корҳои омодагӣ ба барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил санаи 2 сентябри соли 2020 ҷаласаи навбатии Комиссияи давлатии мусоидат ба барӯйхатгирии аҳолӣ дар ҳузури Сарвазири мамлакат, Раиси Комиссияи давлатии мусоидат ба барӯйхатгирии

аҳолӣ, муҳтарам Қоҳир Расулзода доира гардида, вобаста ба масъалаи фарогирии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони зертобеи вазорату идораҳо, корхонаю ташкилотҳо, мусоидат барои ташкили семинарҳои омузишӣ, муҳаё намудани шароитҳои корӣ барои кормандони муваққатӣ, риояи қоидаҳои беҳдоштӣ ҳангоми баргузории барӯйхатгирӣ, таъмини Интернети баландсуръат ва дигар масъалаҳои марбут ба барӯйхатгирии аҳолӣ дастуру супоришҳои мушаххас ба мақомоти дахлдор дода шуд.

Шурӯъ аз 11 сентябри соли ҷорӣ корҳои дастурдиҳии мудирони шӯъбаҳои барӯйхатгирӣ ва дастурдиҳанда назоратчиён оғоз гардида, аз санаи 19 сентябр барои ҳамаи ҳисобчиёни муваққатан ҷалбгардида дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот дастурдиҳии омӯзишӣ бо иштироки намояндагони мақомоти омори маҳал ва кормандони дастгоҳи марказӣ баргузор гардид.

Санаи 16 сентябр дар Агентии омор барои намояндагони вазорату идораҳое, ки гурӯҳи шахсони махсуси аҳолӣ доранд (сохторҳои пӯшида) дастурдиҳии омӯзишӣ дар мавзӯи “Тартиби гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ дар сохторҳои шаклашон пӯшида” гузаронида шуд, ки дар кори он беш аз 30 нафар иштирок намуданд.

Барои тарғиб ва ташвиқи аҳолӣ оид ба барӯйхатгирии аҳолӣ беш аз 500 адад банерҳо ва зиёда аз 15000 варақаҳои таблиғотӣ омода карда шуда ба мақомоти омор дар маҳалҳо дастрас карда шуд. Ғайр аз ин бо истифода аз васоити ахбори омма (ВАО) корҳои фаҳмондадиҳӣ мунтазам идома доранд.

Ҳамзамон бо мақсади дастрасии бештари истифодабарандагон ба маълумот оид ба барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 дар сомонаи расмии Агентӣ www.stat.tj тамоми санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, дастурамалҳо ва видеороликҳо оид ба тартиби гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 ҷой дода шуд.

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кушиш ба харҷ медиҳад, ки дар доираи имкониятҳои мавҷуда барои дар сатҳи баланд гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 чораҳои мушаххас андешад.

Барои тарғибу ташвиқи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба аз 1 то 15 октябри соли 2020 баргузор гардидани Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Хазинаи нуфуси Созмони Милали Муттаҳид ва Ҳукумати Федератсияи Россия, маводҳои таблиғотӣ, аз ҷумла банерҳо, плакатҳо  дар варақаҳои андозаи гуногун омода карда шуда, ба тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар ирсол ва насб карда шуданд.

Ғайр аз ин мунтазам дар телевизион ва радиоҳои маҳаллию марказӣ, рӯзномаҳо, ҷаласаҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ва дигар чорабиниҳои оммавии сатҳи шаҳру ноҳияҳо, гузоришҳо пахш, ироа ва таъкид карда шуд.

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи «Равзанаи ягона» то 01 октябри соли 2020 дар миқёси ҷумҳурӣ 332388 адад субъекти хоҷагидори фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли 2019, 2,4 фоиз зиёд мебошад.

Аз шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор, соҳибкорони инфиродӣ фаъолияткунанда 301222 адад дар миқёси ҷумҳурӣ ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса нисбат ба 01.10 с.2019, 2,7 фоиз зиёд гардидааст.

аз ин соҳибкорони инфиродӣ:

- Патент 104816 нафар, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2019, 0,1 фоиз зиёд шудааст;
- Шаҳодатнома 36701 нафар, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2019, 7,0 фоиз зиёд гардидааст;
- Хоҷагиҳои деҳқонӣ 159705 ададро ташкил дода, ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2019, 3,4 фоиз зиёд гардидааст;

Инчунин, аз шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор, то 01 октябри соли 2020 шахсони ҳуқуқӣ фаъолияткунанда дар ҳудуди ҷумҳурӣ 30794 адад ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 - 0,2 фоиз зиёд шудааст.

То 01 октябри соли 2020, 372 адад филиал намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ фаъолияткунанда дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 - 0,8 фоиз кам шудааст.

То санаи 1-уми октябри соли 2020 дар дастгоҳи марказии Агентӣ аз 78 басти вазифаҳо, ки тасдиқ шудааст, 71 нафар фаъолият дошта, 7 ҷойи холӣ мавҷуд аст. Ҳамзамон, дар дастгоҳи марказии Агентӣ 10 нафар кормандони барӯйхатгирии аҳолӣ ва 4 нафар кормандон дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ фаъолият карда истодаанд. Аз 71 нафар 38 нафарашонро занон (53,5 фоиз) ва 33 нафарашонро мардон (46,5 фоиз) ташкил медиҳанд. Аз ин ҳисоб 70 нафар дорои маълумоти олӣ (98,6 фоиз) ва як нафар дорои маълумоти миёнаи касбӣ мебошад (1,4 фоиз). Дар дастгоҳи марказӣ 52 нафар хизматчиёни давлатӣ дорои синну соли аз 18 то 35 сола, 10 нафар аз 36 то 45 сола, 9 нафар аз 46 то 58 сола фаъолият доранд. Дар дастгоҳи марказии Агентӣ аз 21 мансаби роҳбарикунанда 7 нафар занон (33,3 фоиз) дар мансабҳои роҳбарикунандаи категорияҳои якум, дуюм, сеюм ва чорум фаъолият карда истодаанд. Дар дастгоҳи марказии Агентӣ санаи 10 сентябри соли 2020 озмун ва аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ баргузор гардид. Дар озмун барои ишғоли 17 ҷойи холӣ 17 нафар хуҷҷат пешниҳод намуданд, ки аз ин ҳисоб ба 16 нафарашон ба даври дуюм иҷозат дода шуд. Дар озмун 12 нафар довталаб иштирок намуда, 5 нафари дигар иштирок накарданд. Аз 12 нафар 8 нафар ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатии категорияҳои панҷум, шашум ва ҳафтуми хизмати давлатӣ таъин карда шуданд. Аз ҷумла, дар аттестатсияи навбатӣ ва такрорӣ, ки санаҳои 11 август ва 10 сентябри соли 2020 баргузор гардид, 18 нафар хизматчиёни давлатии дастгоҳи марказӣ ва мақомоти омори маҳаллӣ иштирок намуданд, ки дар натиҷа 18 нафар ба мансабҳои ишғолнамудаашон мувофиқ ҳисобида шуданд. Ба ҳолати 10 октябри соли 2020 дар 7 ҷой дар дастгоҳи марказӣ ва 7 ҷой дар мақомоти омори шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар маҷмуъ 14 ҷойи холӣ мавҷуд аст.

Дар нуҳ моҳи соли 2020 дар Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон 2 маротиба озмун барои ишғоли мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида шуд.

Дар озмуни ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ барои ишғоли 18 ҷойи холӣ 24 нафар довталабон ҳуҷҷат пешниҳод намуданд. Дар натиҷаи озмун 16 нафар ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ таъин карда шуданд. Инчунин мутобиқи моддаи 39 Низомномаи тартиби гузаронидани озмуни ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ 2 нафар тибқи натиҷаҳои суҳбат ба мансаби холии категорияи пастттари Сарраёсат бо риояи талаботҳои тахассусӣ тавсия дода шуданд. Ҳамзамон, 4 нафар бо сабаби мувофиқат накардан ба талаботҳои тахассусӣ ба озмун роҳ дода нашуданд. Дар Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон аз рӯйи басти вазифаҳо 166 ҷойи корӣ мавҷуд буда, айни ҳол 7 ҷойи холӣ мавҷуд аст, дар маҷмуъ 159 нафар кор карда истодаанд, ки аз онҳо 81 нафарашонро ҷавонони то 35-сола, 31 нафар занон ва 128 нафарашонро мардон ташкил медиҳанд. Дар дастгоҳи марказии Сарраёсат ва мақомоти омори вилояти Хатлон аз 41 мансаби роҳбарикунанда 6 нафар занон дар мансабҳои роҳбарикунандаи категорияҳои якум, сеюм ва чорум фаъолият карда истодаанд. Аз ҳисоби 159 нафар бошад, 150 нафар дорои маълумоти олӣ, 9 нафар дорои маълумоти миёнаи касбӣ мебошанд. Ҳамзамон, дар мақомоти омори вилояти Хатлон 40 нафар дар раёсат, шуъба ва бахшҳои барӯйхатгирии аҳолӣ фаъолият карда истодаанд. Айни замон дар вилояти Хатлон ҷиҳати баргузории маъракаи муҳими сиёсӣ барӯйхатгирии аҳолӣ 10659 нафар кормандони муваққатӣ ба кор ҷалб карда шудаанд. Дар семоҳаи сеюми соли 2020 дар вилояти Хатлон 3 нафар кадрҳои роҳбарикунанда ба ҷойивазкунии кадрӣ фаро гирифта шуданд.

Дар нуҳ моҳи аввали соли 2020 дар Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд 1 маротиба озмун бо иштироки 6 нафар довталаб барои ишғоли ҷойҳои холии мансаби маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида шуд, дар натиҷа 4 нафар ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ таъин карда шуданд. Дар Сарраёсат аз рӯйи басти вазифаҳо 145 ҷойи корӣ мавҷуд буда, айни ҳол 5 ҷойи холӣ мавҷуд аст, дар маҷмуъ 140 нафар кор карда истодаанд, ки аз онҳо 85 нафар зан, 60 нафар мард, 17 нафарашонро ҷавонони то 35-сола ташкил медиҳанд. Аз ин ҳисоб аз 40 мансаби роҳбарикунанда 14 нафар зан дар мансабҳои роҳбарикунанда фаъолият карда истодаанд. Ҳамзамон, дар мақомоти омори вилояти Суғд 32 нафар дар раёсат, шуъба ва бахшҳои барӯйхатгирии аҳолӣ фаъолият карда истодаанд.

Дар муҳлати сипаришуда Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе аз рӯйи басти вазифаҳо 53 ҷойи корӣ мавҷуд буда, дар маҷмуъ 53 нафар кор карда истодаанд, ки аз онҳо ҷавонони то 35-сола 22 нафарро ташкил дода, аз ин ҳисоб 1 нафар дар магистратураи дусолаи ғоибонаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳсил фаро гирифта шудааст. Аз ин ҳисоб аз 16 мансаби роҳбарикунанда 4 нафар зан дар мансабҳои роҳбарикунанда фаъолият карда истодаанд. Аз 53 нафар 45 нафар бо маълумоти олӣ ва 8 нафар бо маълумоти миёнаи касбӣ фаъолият доранд. Як нафар дорои ду маълумоти олӣ мебошад.

Дар Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ айни замон 1 ҷойи холӣ мавҷуд буда, 35 нафар аз рӯи басти вазифаҳо фаъолият доранд, ки аз инҳисоб 32 нафарашон дорои маълумоти олӣ буда, се нафари дигар дорои маълумоти миёнаи касбӣ мебошанд, ки аз ин ҳисоб 8 нафарашонро ҷавонони то 35-сола ташкил медиҳанд. Аз 12 мансаби роҳбарикунанда 1 нафар зан дар мансаби роҳбарикунанда фаъолият карда истодааст. Дар Сарраёсати Агентии омори ВМКБ дар давоми 9 моҳи аввали соли 2020 як маротиба озмун барои 6 ҷойи холӣ бо иштироки 8 нафар довталаб баргузор гардид. Дар натиҷаи озмун 6 нафар ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ таъин карда шуданд.

Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ шумораи умумии кормандон аз рӯи басти вазифаҳо 49 нафарро ташкил медиҳад, ки аз он 7-тоаш ҷойи холӣ буда, айни замон 42 нафар хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти омори шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ фаъолият доранд.

Дар муҳлати сипаришуда дар Агентӣ ва мақомоти омори маҳалӣ аз 527 ҷойи корӣ, ки тибқи басти вазифаҳо тасдиқ гардидааст, 500 нафар хизматчии давлатӣ кору фаъолият карда истодаанд, ки аз ин ҳисоб 198 нафарашонро занон ва 309 нафарашонро мардон ташкил медиҳанд. Аз онҳо 140 нафарашон мансабҳои роҳбарикунанда буда, 33-тоашро занон ишғол менамоянд. Дар дастгоҳи марказии Агентӣ 7 ҷойи холӣ, дар Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд 5 ҷойи холӣ, дар Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон 7 ҷойи холӣ, дар Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ 1 ҷойи холӣ, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 7 ҷойи холӣ дар маҷмуъ ба ҳолати 10 октябри соли 2020 дар мақомоти омор 27 ҷойи холӣ мавҷуд аст.

Ба ҳолати 10 октябри соли 2020 ҳисоботи шакли 1–ХД (Хизматчии давлатӣ) барои семоҳаи якуми соли 2020 ҷамъбаст гардида, ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли электронӣ ба барнома ворид карда шудааст.

Боиси хурсандӣ ва дастгирии ҳамаҷониба аст, ки кормандони Агентӣ барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва дараҷаи таҳсилот мунтазам кӯшиш менамоянд ва шумораи таҳсилоти олидошта сол аз сол меафзоянд ва айни замон 12 нафар хизматчиёни давлатӣ дорои 2 таҳсилоти олӣ, аз ҷумла 5 нафар хатмкардагони магистратура мебошанд. Ҳамзамон, дар давраи соли 2020 3 нафар кормандони дастгоҳи марказӣ дар магистратураи Академияи идоракунии давлатии назди ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси “Идоракунии давлатӣ” ба таҳсили яксола ва 1 нафар аз Сарраёсати Агентии омори шаҳри Душанбе ба таҳсили дусолаи ғоибона фаро гирифта шудаанд.

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дар амал татбиқ намудани супоришҳои протоколии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ дар давраи пандемияи сирояти коронавируси COVID-19 дар мақомоти омори давлатӣ ҳамаруза ва мунтазам корҳои заруриро анҷом медиҳад.

Дар Агентӣ фармоиши Директори Агентӣ оиди ситоди дохилиидоравӣ ва нақшаи чорабиниҳо барои пешгирӣ аз коронавирус (COVID-19) аз 20

марти соли 2020 ва Нақшаи чорабиниҳо вобаста ба пешгирӣ аз коронавирус (COVID-19) дар мақомоти омори давлатӣ таҳия ва тасдиқ гардидааст. Ҳамзамон, Ситоди дохилиидоравӣ ҷаласаи якуми худро гузаронида, ҷиҳати амалӣ намудани Нақша-чорабинии мазкур ҳамаруза корҳои анҷомдодашуда назорат мебарад.

Нақша-чорабинии мазкур ба мақомоти омори маҳаллӣ низ дастрас карда шуда, ҷиҳати иҷрои бандҳои он назорат бурда мешавад.

Дар муҳлати сипаришуда мақомоти омори давлатӣ дар асоси Шартномаи №65 аз 02.01.2020с, ки бо Стансияи шаҳрии дезинфексияи профилактикии Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе ба имзо расонидааст, мунтазам корҳои тамизгардонӣ (дезинфекция)-и утоқҳои корӣ, мизу ҷевонҳои корӣ, даҳлезу роҳравҳо, лифтҳо ва тамоми ошёнаҳоро бо маводҳои антисептикӣ (безараргардонӣ аз хавфҳои эҳтимолӣ) анҷом медиҳад.

Дар муҳлати сипаришуда ҳар ҳафта охири ҳафта корҳои тамизгардонӣ (дезинфекция)-и тамоми бино, аз ҷумла, утоқҳои корӣ, даҳлезу роҳравҳо бо маводҳои антисептикӣ (безараргардонӣ аз хавфҳои эҳтимолӣ) гузаронида шудааст. Инчунин 5 адад дастгоҳи беҳдошти саломатӣ аз хавфҳои эҳтимолӣ дар даромадгоҳ ва ошенаҳои дастгоҳи марказии Агентӣ насб карда шудааст, то кормандон ва шаҳрвандон ҳангоми ворид шудан ба Агентӣ аз маҳлулҳои безараргардонӣ истифода намоянд. Инчунин дастгоҳи безараргардонии ҳуҷҷатҳои воридотӣ дастрас карда шуда, истифода мегардад.

Ҳамзамон санаи 19 июни соли 2020 бо дастгирии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми кормандон, аз ҷумла кормандони техникӣ ва хизматрасон аз ташхиси тиббии тестӣ гузаронида шуданд.

Масъалаи мазкур зери назорати қатъии роҳбарият ва аъзои ситоди дохилиидоравӣ қарор дошта, аз натиҷааш ҳар руз ба ҳукумати ҷумҳурӣ ҳисобот ирсол карда мешавад.

Дар нуҳ моҳи соли 2020 тибқи нақшаи кории тасдиқ кардашудаи Агентӣ барои санҷиш, расонидани ёрии амалӣ ба мақомоти маҳаллии омор ва иштирок дар семинар – машваратҳо, омӯхтани таҷрибаи корӣ ба хориҷи дуру наздик дар маҷмуъ 257 нафар (берун аз ҷумҳурӣ 2 нафар ва дохилӣ 255 нафар) кормандони мақомоти омор сафари хизматӣ доштанд, ки аз ин нишондиҳанда 257 нафар (берун аз ҷумҳурӣ 2 нафар ва дохилӣ 255 нафар) кормандони Дастгоҳи марказӣ ва 27 нафар (берун аз ҷумҳурӣ 2 нафар ва дохилӣ 25 нафар) кормандони Муассисаи давлатии «Маркази кулли ҳисоббарорӣ» мебошанд.

- ба Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ – 18 нафар, аз Роҳбарияти Агентӣ, раёсат, шуъба ва воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ, барӯйхатгирии аҳолӣ ва аз Раёсатҳои омори захираҳои моддии Муассисаи давлатии «Маркази кулли ҳисоббарорӣ» барои гузаронидани ҷаласаи ҷамъбастии солонаи Сарраёсати омори ВМКБ;
- ба Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Суғд – 51 нафар, аз Роҳбарият ва раёсат, шуъба ва воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ, барӯйхатгирии аҳолӣ барои мониторинги ҳисоботҳо, корҳои барӯйхатгирии аҳолӣ, иштирок дар ҷаласаи ҷамъбасти солона, санҷиш ва расонидани ёрии амалӣ;

- ба Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Хатлон – 105 нафар, аз Роҳбарият барои иштирок дар ҷаласаи ҷамъбастии Сарраёсат, раёсат, шуъба ва воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ, барӯйхатгирии аҳолӣ, шуъбаи таъмир ва нигоҳдории бинои Муассисаи давлатии «Маркази кулли ҳисоббарорӣ» барои санҷиш ва расонидани ёрии амалӣ;
- ба мақомоти маҳаллии омори ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 81 нафар, аз раёсат, шуъба ва воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ, барӯйхатгирии аҳолӣ, шуъбаи нархҳо ва тарифаҳои Дастгоҳи марказӣ ва раёсатҳои омори кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист, технологияҳои маълумоти коммуникатсионӣ, барномасозӣ, омори бақайдгирии нарх, тариф ва тадқиқи хоҷагии хонавода, банақшагирӣ, ҳисобот ва маъмурию хоҷагии Муассисаи давлатии «Маркази кулли ҳисоббарорӣ» барои санҷиш ва расонидани ёрии амалӣ;

ба хориҷи дуру наздик - 2 нафар аз Раёсати системаи ҳисобҳои миллӣ ва молия, кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист барои иштирок дар ҷаласаҳои сатҳи байналмилалӣ семинар – машваратҳо, омӯзиш ва табодули таҷриба дар шаҳри Женеваи Конфедератсия Швейтсария ва шаҳри Москва буданд.

Дар муҳлати сипаришуда ҷиҳати риоя намудани интизоми меҳнат, роҳ надодан ба пушидани либосҳои ғайри низоми хизмати давлатӣ, сарфакорӣ дар оростани дастархони идона, баргузор намудани ҷамъомадҳо дар дастгоҳи марказӣ ва мақомоти омори маҳаллӣ дастуру супоришҳо дода шуда, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани талаботҳои Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими расму оин ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон“ назорати қатъӣ бурда мешавад ва бахшида ба ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои шанбеи ҳар ҳафта шанбегӣ гузаронида шуда, аз натиҷааш ҳар моҳ ба ҳукумати ҷумҳурӣ ҳисобот ирсол карда мешавад.

Агентии омор оиди баргузории озмуни ишғоли мансабҳои холии маъмурии дастгоҳи марказӣ ва мақомоти омори шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ эълон додааст, ки он дар саҳифаи рӯзномаи “Ҷумҳурият”, сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонда, моҳи май нақшаи баргузории озмуни навбатиро дорад. Бо мақсади тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим, одоби муошират, риояи арзишҳои миллӣ ва умумии башарӣ, дар руҳияи ватандустиву хештаншиносӣ тарбия намудани ҷавонон дар назди Агентӣ муддати 2 сол шуд, ки дастаи воллейболбозон аз ҳисоби занон ва ҷавонон ташкил гардидааст, ки ин даста ҳамарӯза дар толори варзишии худи Агентӣ тамрин менамояд.

Қайд кардан зарур аст, ки новобаста аз корҳои иҷрошуда, дар фаъолияти мақомоти омор, ҳанӯз ҳам камбудиву мушкилиҳо ҷой доранд.

Аз рӯи натиҷаи таҳлили фаъолияти кории мақомоти омор дар сатҳи минтақаҳо бори дигар маълум мегардад, ки барои таъмини сифати маълумоти оморӣ, аҳамияти аввалиндараҷа ба ҳисоботи аввалия, ки аз сатҳи ҷамоати шаҳраку деҳот бармеояд, зоҳир карда шавад.

Санҷиши муътамаднокии ҳисоботи оморӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мақомоти омори давлатӣ мебошад.

Дар нуҳ моҳи соли 2020 аз ҷониби роҳбарияти мақомоти маҳаллии омор, тибқи талаботи моддаи 515 кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба 1110 нафар роҳбарони корхонаю муассисаҳо ва шахсони масъули ҳисоботсупорандагони оморӣ ба маблағи 411 ҳазору 689 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ таъин карда шудааст, ки аз ин маблағ ба буҷаи давлат 289 ҳазору 543 сомонӣ ворид шудааст, ки 70,0 фоизи маблағи умумии ҷаримаи таъинкардашударо ташкил медиҳад.

Аз ин рӯ, роҳбарони мақомоти маҳалии омор бояд чораҳо андешанд, ки ҷаримаи басташуда дар мӯҳлатҳои муайянгардида ба буҷаи давлатӣ пардохт карда шаванд. Дар сурати пардохт нашудани маблағҳои ҷаримаи таъиннамуда ба мақомоти салоҳиятдори маҳалҳояшон муроҷиат намуда, дар ин самт ҳамкории зичро ба роҳ монанд.

Иҷрои супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарору Фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гарави пешравиҳо буда, дар моҳҳои январ-сентябри соли 2020 корҳои банақшагирифташуда, саривақт иҷро карда шуданд.

Бо мақсади амалӣ намудани чорабиниҳо вобаста ба иҷрои Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019, мақомоти омор вазифадор шудааст, ки шаклҳои пешниҳоди ҳисоботи оморӣ ва механизми ҷамъоварии маълумоти омориро мукаммал гардонад.

Маврид ба зикр аст, ки солҳои 2019-2021 - ум солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар ҷумҳурӣ эълон карда шуд ва ҳамчунин аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафи 4-уми Стратегияи Миллии Рушд саноатикунонӣ қабул гардидан ва эълони солҳои 2020-2040-ро «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» дар назди мақомоти омори мамлакат мақсад ва вазифаҳои навро ҷиҳати фарогирии навгониҳо дар самти рушди саноатикунонии кишвар, рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ мегузорад.

Лозим ба қайд аст, ки ҷиҳати иҷрои татбиқи Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 Барнома ва "Нақша чорабиниҳои Барномаи зиддикорупсионии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020" ба тасвиб расидааст, ки Агентии омор вобаста ба иҷрои бандҳои Нақша - чорабинии татбиқи Стратегияи мазкур ҳисоботи ҷамъбастии соҳавиро саривақт омода намуда, ба Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд.

Илова ба ин дар давраи сипаригардидаи соли ҷорӣ тибқи нақшаи чорабиниҳои Барномаи зиддикорупсионии Агентии омор ва ҳамзамон вобаста ба пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гуруҳҳои ифротгарои бо ҷалби мутахассисони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати молиявӣ ва мубориза бо корупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кормандони дастгоҳи марказии Агентии омор ва Муассисаи давлатии

Маркази кулли ҳисоббарории Агентӣ ҳамоиш баргузор карда шуд, ки дар ҳамоиши мазкур вобаста ба маҳфумҳои асосии пешгирии корупсия ва шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгароӣ суҳбатҳои озоду кушод баргузор карда шуд.

**Бо мақсади иҷрои Барномаи корҳои оморӣ дар соли 2020, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 ироа гардида ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил, дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба баҳисобгирии оморӣ Агентии омор, Муассисаи давлатии "Маркази кулли ҳисоббарорӣ"-и Агентӣ ва мақомоти маҳаллии омор вазифадор карда мешаванд, ки дар доираи салоҳият ва ваколатҳои худ масъалаҳои дар боло зикргардидаро саривақт мавриди амал қарор диҳанд.**

Иҷрои дастуру супориш ва фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гарави пешравиҳо буда, то охири соли 2020 дар назди мақомоти омор иҷрои чунин вазифаҳо гузошта мешаванд:

1. Иҷрои ҳатмии Барномаи корҳои оморӣ дар соли 2020;
2. Таъмини иҷрои ҳатмии дастуру супоришҳои дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 ироа гардида;
3. Вусъат додани корҳои ҷамъбасти барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил, истифодаи захираҳои меҳнатии ҷалбшаванда дар ин самт, тақвият додани ҳамкориҳои судманд бо шарикони рушд;
4. Пурзур намудани кор дар самти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъалаҳои комиссияи давлатии мусоидати барӯйхатгирии аҳолӣ" ва таъмини саривақтии иҷрои бандҳои дахлдори протоколи ҷаласаи Комиссияи давлатии мусоидат ба барӯйхатгирии аҳолӣ;
5. Таҳлили пурра ва сари вақт ҷамъбасту пешниҳоди маводҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020;
6. Иҷрои саривақтии бандҳои дахлдори нақша-чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт;
7. Иҷрои ҳатмии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №291 аз 31 майи соли 2018 «Дар бораи таъмин намудани мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо китобҳои баҳисобгирии хоҷагӣ барои солҳои 2018-2022» бо мақомотҳои иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва мақомотҳои худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷиҳати ба китобҳои электронии баҳисобгирии хоҷагиҳо гузаштан;
8. Иҷрои босифати қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи омода намудани соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба тирамоҳу зимистони солҳои 2020/2021"
9. Вусъат додани фаъолияти гурӯҳҳои корӣ оид ба пайгирии нишондиҳандаҳои Ҳадафҳои Рушди Устувор (таҳияи хазинаи маълумотҳо ва метамаълумотҳо, иҷрои чорабиниҳои марҳилаи аввали

Стратегияи миллии рушди омор барои давраи то соли 2030 барои солҳои 2019-2023, зина ба зина, ҷорӣ намудани модели умумии бизнес-равандҳои оморӣ тафсири 5,0);

10. Якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор пурзӯр намудани корҳо дар самти ташаккули омори расмӣ дар ҳамаи соҳаҳо тибқи Таснифоти миллии маҳсулот ва хизматрасонӣ ва тафсири дуюми Таснифоти намуди фаъолияти иқтисодӣ, омодагӣ ба гузариш ба стандартҳои такмилдодашудаи паҳнкунии иттилоот;
11. Гузаронидани санҷиши эътимоднокии маълумоти оморӣ аз рӯи таъмини ҳуҷҷатгузориҳои аввалияи корхонаву ташкилотҳо мутобиқи нақшаи тасдиқшудаи мақомоти омори маҳаллӣ;
12. Вусъат бахшидани корҳо дар самти зина ба зина ҷорӣ намудани коркарди ҳисоботи оморӣ бо истифода аз барномаҳои электронии махсуси таъминотӣ ва гузариш ба ҳисоботҳои омории электронӣ;
13. Иҷрои чорабиниҳои Стратегияи миллии муқовимат ба коррупсия барои солҳои 2013-2020 ва Нақша - чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ барои солҳои 2016-2021;
14. Беҳтар намудани сифат, шаффофияти ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти оморӣ мутобиқи стандартҳои омори байналмилалӣ ва мукамалсозии механизми ҷамъоварии маълумоти оморӣ ва шаклҳои ҳисоботҳои оморӣ;
15. Мустаҳкам намудани интизоми меҳнат мутобиқи низомномаҳои хизмати давлатӣ ва дохилӣ;
16. Таъмини иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақша чорабиниҳои тасдиқгардида.